30.06.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамоҳ Иброҳимовна дар мавзуи « Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон », барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Пажуҳиши ҷанбаҳои ҳунариву мавзуи насри тоҷик дар даврони истиқлоли миллӣ дар шумори мавзуоти муҳиме қарор мегирад, ки мавриди таваҷҷуҳи ноқидон ва адабпажуҳони имрӯз қарор дорад. Ривоҷ ва таҳаввули насри имрӯз, таҷаддуд дар сабки иншои анвои осори мансур, чун ҳикояву қисса, повесту роман, нуфузи бозтоби масоили таърихӣ ва офариниши чеҳраҳои сиёсиву адабӣ, фарҳангиву миллӣ омил бар он шудаанд, ки нақди адабӣ ҳам аз ин ҷараён оқиб намонда, ҳамвора бо пешрафтҳои куллии наср мавқеъ ва мақоми хешро баён созад. Ин амр боис омадааст, ки силсилаи таҳқиқот дар ин замина рӯи кор омада, ҷойгоҳи нависандагони соҳибназар ва соҳибсабк бештар таҳқиқ шавад. Нависандаи халқии Тоҷикистон аз ҷумлаи ҳамин гуна носирон қарор дорад, ки дар пешрафти адабиёти миллии Тоҷикистон дар замони истиқлоли миллӣ саҳми муносиб дорад. Ҳарчанд ба эҷодиёти ӯ адабпажуҳони тоҷик дар пажуҳишҳои куллӣ, мақолаву тақризҳояшон ба сурати ҷудогона таваҷҷуҳ зоҳир намуда, баҳои гуногун додаанд, вале рисолаи ҷомеъ дар заминаи таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи эҷоди адиб ба қалам наомада буд. Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамоҳ Иброҳимовна дар мавзуи « Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон » аз ҷумлаи чунин таҳқиқот ба шумор меравад, ки ба сурати асари мустақил ба қалам омадааст.

Аз автореферати диссертатсия равшан мегардад, ки он аз муқаддима, се боб, хулосаву феҳристи адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима тибқи муқаррарот мубрамият ва муҳимияти мазвзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, аҳамияти назариву амалӣ, нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ, сарчашма ва методологияи таҳқиқот баррасӣ ва муқарррар гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия “Вижагиҳои мавзуӣ ва ғоявии эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол” ном дошта, маҷмуи масоили мавриди таҳқиқ дар се фасл баррасӣ шудаанд.

Бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта муаллиф ба ин натиҷа расидааст, ки Сорбон яке аз нависандагони соҳибқаламе ба шумор меравад, ки дар

рушди насри муосири тоҷик, бахусус даврони истиқлоли миллӣ саҳми барҷаста дорад. Дар баробари ин, осори гуногунжанри ӯ, аз ҷумла қиссаву повестҳояш воқеоти рӯзӯгори солҳои аввали истиқлоли миллиро дар худ таҷассум намудаанд. Қаҳрамонони асарҳои ӯ низ бештар насли ҳамин давра ҳастанд, ки ба мушкилоти зиёди сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавӣ рӯ ба рӯ шуда, барои раҳоӣ аз онҳо талошу кӯшиш мекунанд.

Боби дуюми диссерттсия "Бозтоби таърихи кишвар дар эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол" ном дорад ва масъалаҳои асосии ин қисмат низ дар се фасл таҳқиқ шудаанд. Мусаллам аст, ки дар даврони истиқлоли миллӣ насри таърихӣ дар адабиёт рӯ ба ривоҷ овард ва Сорбон яке аз нависандагони пешқадаме ба шумор меравад, ки бо навиштани қиссаи "Спитамен", романҳои "Ниёз-кончӣ", "Туғрал" романи сегонаи "Зарафшон", романи "Достони писари Худо" – ро ба қалам овардааст. Дар ин боби диссертатсия асосан қиссаи "Спитамен", романҳои "Ниёз-кончӣ", "Туғрал" романи сегонаи "Зарафшон" , "Достони писари Худо" ба таҳқиқ кашида шуда, масоили мубрами сиёсӣ ва вазъи мушкили охири садаи XX низ дар таълифоти нависанда таҳқиқ шудаанд. Осори ба мавзуи "Ҷанги Бузурги Ватанӣ" бахшидаи нависанда бошад, дар фасли алоҳида таҳқиқ ёфтаанд.

Боби сеюми диссертатсия "Вежагиҳои ҳунарии эҷодиёти Сорбон дар даврони нав" ном дошта, дар он махсусиятҳои ҳунарии насри Сорбон дар заминаи жанрҳои хурди новелла, ҳикоя, инчунин романи тамсилии "Росӯ" таҳқиқ шудааст. Хусусиятҳои сабкии насри Сорбон бошад, дар асоси истифодаи унсурҳои фолклорӣ, зарбулмасалу мақолҳо, воситаҳои тасвири бадеӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф аз рӯи тадқиқоти илмии хеш 15 мақола интишор додааст, ки 8 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас дар автореферати диссертатсия баъзн камбуиҳо низ ошкор гардид, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори муаллиф аст:

1. Дар бахши "Дараҷаи омӯзиши мавзуъ"-и муқаддима на ҳамаи таҳқиқоти роҷеъ ба эҷодиёти Сорбон ба анҷомрасида нақду баррасӣ ва муаррифӣ шудаанд. Аз ҷумла, мақолаи адабиётшинос Мисбоҳиддин Маҳмудзода, ки ба нақду баррасии романи "Достони писари Худо"-и Сорбон бахшида шудааст, инчунин китоби маҷмуаи мақолаҳои "Сорбон

дар оинаи накду сухансанҷӣ”, ки мақолоти зиёдеро дар накду баррасии осори нависанда фаро мегирад, аз назари муаллиф дур мондаанд.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ ба мушоҳида мерасад, ки бартараф намудани онҳо ба нафъи кори муаллиф аст.

Ба таври куллӣ метавон иҳзор дошт, ки эродҳои мазкур ҳеҷ гоҳ арзиши илмии диссертатсия поин намебаранд. Дар умум метавон гуфт, ки **диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамоҳ Иброҳимовна дар мавзуи « Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон” дар даврони истиқлоли Тоҷикистон »**, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси **10.01.01 – Адабиёти тоҷик** мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи
забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент Ғаффоров Мизроб

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 106
Тел: 992 927055355 E-mail: mizrob66@mail.ru

Имзои номзади илмҳои филологӣ,
Ғаффоров Мизробро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадр: Қурбонов Масрур

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ 106
Тел: (+992) 938989999
30 августи соли 2024